**Такризи роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи иҳтисоси 07.00.09 – "Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ".**

Рисолае, ки дар асоси маводи фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, барои дифоъ пешниҳод мешавад, мавзӯи хело муҳим мебошад ва таҳқиқи он барои омӯзиши таърихи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик зарур мебошад.

Дар рисола зимни муқоисаи сарчашмаҳои зиёди бойгонии фонди осорхонаҳо ва адабиёти илмӣ таърихи омӯзиши ҷамъоварии созҳои мусиқии тоҷик дар осорхонаҳо ва мақоми осорхонаҳо дар кори гирдоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ муайн мегардад. Сохтори рисола ба талаботи таъиншудаи расмӣ мувофиқ буда, аз сарсухан, ду боб чор зербоб, хулоса руйхати адабиёти истифодашуда, замимаҳо (Феҳрист ва акси созҳои мусиқӣ) иборат мебошад.

Дар сарсухани рисола муҳим будани мавзӯъ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши масъала ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқ мушаххас карда шудаанд. Ҳамчунин дар ин қисми рисола пойгоҳи маъхазшиносии таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамиятии илмию назариявии рисола муайян оварда шудааст.

Зимни таҳқиқоти боби якуми рисола муаллиф саҳми олимони тоҷику рус ва дигар муҳаққиқони Осиёи Миёнаро доир ба омӯзиши коллексиҳои созҳои мусиқии тоҷик дар фонди осорхонаҳои Федератсияи Россия ва бархе аз созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистон зикр намуда, осори илмии эшонро бо далелҳои муътамад баҳои илмӣ дада, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф коллексияҳои созҳои мусиқии фонди беш аз 25 осорхонаи Тоҷикистонро бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода, таърихи ҷамъоварӣ ва ҳолати ҳифзу нигоҳдории созҳои мусиқиро дар фонди осорхонаҳо таҳлил намудааст. Ҳамчунин Феҳристи коллексияҳои созҳои

мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар хулосаи рисола аспирант натиҷаҳои таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Тоҷикистон хело зарур буда, барои омӯзиши таърихи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик ба хусус таърихи пайдоиш ва рангорангии созҳои мусиқии мардуми тоҷик аҳамияти калон дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба кори анҷомдодаи Нурматзода Ҳ. метавон гуфт, ки аспирант кӯшиш кардааст, ки коллексияҳои созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун сарчашма барои омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик дар муқоиса бо асноди фонди осорхонаҳо ва адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқи мукаамал қарор диҳад. Яъне рисола таҳқиқоти онҷомнаёфтаи илмӣ буда, вазифаҳои гузошташудаи он ба хубӣ ҳал шудаанд.

Рисолаи номзадии аспирант Нурматзода Ҳасан «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» мутобиқ ба иҳтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шуда, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вароиш ба талаботи муқаррар намудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст ва онро метавон барои дифоъ пешниҳод намуд.

Доктори илмҳои таърих,
сарходими илмии шуъбаи таърих
ва назарияи санъати Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ Қобилова Б.Т.

Имзои Қобилова Б.Т.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо